Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маъмурӣ – вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мазкурро фарогир мебошад. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули муҳимтарин ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқии давлат – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули сохтори давлатӣ ва рушди он шурӯъ гардида, боиси тағйиротҳои куллӣ дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ гардид. Дар натиҷаи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳокимияти давлатӣ мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардид, ки ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроя эътироф гардида, бо назардошти ин гуна вазъи ҳуқуқӣ дар ташаккули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши созандаро ишғол менамуд. Яке аз мақомоте, ки бевосита бо ташаккули ниҳоди президентӣ, ҳамзамон тарҳи ҷадиди ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, ин мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ташкили

чунин мақомот дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ падидаи нисбатан нав маҳсуб меёфт, чунки дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон ташкил ва амали чунин мақомот ҷой надошт. Бо ҳамин мазмун, ташкили мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави мақомоти идоракунии давлатӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии кишвар буда, бо мазмун, табиат ва мақоми ҳуқуқии худ аз дигар мақомоти идоракунии давлатӣ тафовут доранд.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, тавассути онҳо ба ташаккули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва махсусан мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ гузошта шудааст. Аз ҷумла, санади нахустине, ки ба таъсиси мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқӣ бахшидааст, ин фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4 июли соли 2002, №853 мебошад. Минбаъд, тавассути фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки на танҳо барои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои ҳамаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсири амиқ расонид. Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи мазкур минбаъд соли 2006, 2008 ва 2010 фармонҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қабул гардида, дар низоми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд.

Дар баробари ин, аз 16 апрели соли 2012, №828 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва аз 19 ноябри соли 2013, №12 ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардида, низоми нави мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойи онҳоро дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян намуданд. Новобаста аз ин, қонунгузории дигари кишвар низ дар муайян намудани унсурҳои мухталифи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ намудаанд, ки дар самаранокии фаъолияти онҳо таъсири амиқ мерасонад. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам масъалаҳои таҳқиқталаб вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд, ки таҷдид намудани қонунгузориро дар ин самт тақозо менамоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзуҳои доманадор ва васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимон ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Аммо, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ дар самти вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро баррасӣ намудани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкур, ошкор намудани мушкилот ва норасоиҳои ҷойдошта вобаста ба мавқеъ ва салоҳияти ин мақомот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳия кардани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ташкил медиҳанд.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ дар рисола **вазифаҳои** зерин гузоштааст:

– таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ошкор намудани мафҳум, хусусиятҳо ва мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳокимияти иҷроия;

– омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии ташкилӣ ва муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– омӯзиш ва таҳлили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани мутобиқати онҳо;

– таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани табиати ҳуқуқии салоҳияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мавқеи онҳо дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, сохтор, тартиби ташкил, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва салоҳияти мақомоти мазкур ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки дар танзим намудани фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши назаррас доранд. Ҳамзамон предмети таҳқиқотро дастовардҳои илмӣ, ақида ва нуктаҳои назари олимон вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки он ягона маводи маҷмуавии таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад ва ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар кори таҳқиқотӣ бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда таклифҳои илман асоснок ва аҳаммияти муҳимми амалидошта коркард гардида, барои минбаъд такмил додани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии рисолаи диссертатсионӣ ва натиҷаи ҳалли вазифаҳои гузошташударо ифода менамоянд.

**Асоси методологии тадқиқоти диссертатсиониро** усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, ҳамзамон, усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаи гуногуни унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқиро дар мисоли мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлил қарор додаанд, ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар омода намудани рисолаи мазкур муаллиф вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асарҳои олимони ватанӣ, мисли С.И. Иброҳимов, Б.Ҳ. Раззоқов, А.Д. Ғафурзода, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, Р.Ш. Сотиволдиев, З.М. Ализода, И.А. Имомов, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, З.М. Соибов, Б.Ғ. Наимов, Ҷ.Ш. Қодиров, З.М. Раҳматова, С.М. Сулаймонов ва олимони хориҷӣ, мисли А.Н. Борисов, Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов, П.П. Глушенко, Г.Б. Романовский, В.И. Кайнов, А.П. Коренев, А.П. Алехин, А.А. Кармолитский, Д.Н. Бахрах, В.Ф. Халипов, Т.В. Шукина, Л.П. Юзков,

Н.Н. Скрипников, А.С. Чесников, В.Н. Медведов, Т.М. Макосейчук, Г.Н. Носкова, С.А. Авакян, В.И. Радченко, В.С. Чепиков, А.А. Панов ва дигаронро истифода намудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мегардад, ки мафҳум ва хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашуда, метавонанд минбаъд дар рушд ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд, мусоидат намоянд. Дар баробари ин, нуқтаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, аз ҷониби нафароне, ки дар самти ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ пажӯҳиш мебаранд, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамзамон, маводи дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашударо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ, аз ҷумла, дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра, инчунин ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо метавон истифода бурд.

Диссертатсияи мазкур аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот асос меёбанд.

Саҳми шахсии довталаб дарои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мусоидат намоянд,

инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафурзода А.Д.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: (+992) 907 72 55 90

Имзои А.Д. Ғафурзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

«09» 01 2023 сол.